# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии № 40**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 25.04.2020, №40**

Барои сазовор донистани Тағоев Маҳадмумин Раҳимович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ» аз рӯи ихтисоси 08.00.14- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳимоя 20 январи соли 2020 қабул карда шуд, суратҷаласаи №46-и Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Тағоев Маҳадмумин Раҳимович, 4 майи соли 1977 дар деҳаи Калони Ҷамоати деҳоти Зидеҳи ноҳияи Варзоб таваллуд шудааст. Соли 1994 мактаби миёнаи №21-и ноҳияи Варзобро хатм намуда, аз соли 1994 ба ҳайси сохтмончии бригадаи сохтмонии совхози «Замбуриасалпарварӣ»-и ноҳияи Варзоб фаъолияти меҳнатиашро оғоз кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2000 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Иқтисодчии байналхалқӣ бо дониши забони англисӣ» хатм намудааст.

Солҳои 2000-2007 ба ҳайси ассистенти кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии ДДМТ ва аз соли 2007 то инҷониб ба сифати муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) ифои вазифа менамояд. Соли 2004 шуъбаи ғоибонаи аспирантураро аз рӯи самти 08.00.00-соҳаи илмҳои иқтисодӣ, ихтисоси 08.00.14-иқтисодиёти ҷаҳон хатм намудааст. Солҳои 2006-2009 дар вазифаи муовини декан оид ба таълими шуъбаи рӯзона ва аз соли 2012 то ҳол дар вазифаи муовини декани факултети молиявию иқтисодии ДМТ оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ: - номзади илмҳои иқтисодӣ Шукуров Бурӣ Уроқович, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

1. **Султонов Зубайдулло Султонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон;
2. **Сафаров Бахром Гулматович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда: -** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати (ДССХ) Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии ДССХ Ҷумъаев Б.М. ба имзо расида (суратҷаласаи №7, аз 28.02.2020), аз тарафи ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат н.и.и., дотсент Асрорзода У.С. аз санаи 25.03.2020 тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки диссертатсияи Тагоев М.Р. дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти ихтисоси 08.00.14-Иқтисодиёти ҷаҳонӣ иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия беш аз 50 мақола дар ҳаҷми 20,4 ҷузъи чопӣ интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 8 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда (аз ҷумла 2 ҳаммуаллифӣ) чопшуда дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.14 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ, банди III, <u>зербанди 7:</u> Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ; <u>зербанди 9:</u> Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, нақши онҳо дар танзими иқтисодиёти ҷаҳонӣ. Иштироки Тоҷикистон дар раванди мазкур; <u>зербанди 10:</u> Ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ. Нақши иқтисодии созмонҳои ғайридавлатӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳон; <u>зербанди 13:</u> Муносибатҳои пардохтиву ҳисоббаробаркунии давлатҳо, таъмини мувозинати тавозунҳои пардохтии онҳо ва проблемаҳои пардохти қарзи берунӣ; <u>зербанди 15:</u> Ҷараёнҳои (селҳои) байналмилалии сармояи қарзӣ, инвеститсияҳои мустақим

ва портфелӣ, проблемаҳои танзими онҳо дар сатҳи миллӣ ва фаромиллӣ мувофиқат мекунад.

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРИИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗӮИ ТАҲҚИҚОТ:

### А) интишор дар иашрияҳое, ки ба рӯихати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари илмии тақризшаванда воридаид:

**[1-А].** Глобальный кризис: пути снижения его негативного воздействия на уровень бедности в странах мира // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. Серия социально-экономических и общественных наук. ISSN 2074-1847. – Душанбе: - Сино, - 2010. - №6 (62). - С.16-22, - *0,88 п.л.*;

**[2-М].** Ҳамкориҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар татбиқи лоиҳаи инвеститсионии CASA-1000 // Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Илм ва фановарӣ». Бахши илмҳои табиӣ ва иқтисодӣ. - https://elibrary.ru/item.asp?id=2573824 ISSN: 2312-3648. - Душанбе: - Сино, 2014, - №1, - С.243-246, *0,5 ҷ.ч.*

**[3-А].** Сотрудничество Республики Таджикистан с международным валютным фондом // Международный теоретический и научно-практический журнал «Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии», Республика Киргызстан, 2017 г., -№2/7, - С.79-83, *0,6 п.л.*

**[4-М].** Заминаҳо, самтҳо ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки осиёгии тараққиёт // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: - Сино, - 2017, - № 2/7, - С. 85-88, - *0,5 ҷ.ч.*

**[5-М].** Заминаҳои ҳуқуқии дурнамои ташкили ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: - Сино, - 2018, - № 2/4, - С.34-38, - *0,63 ҷ.ч.*

**[6-М].** Вазъи кунунӣ ва дурнамои шарикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки исломии рушд / Тагоев М.Р., Шукуров Б.У.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. ISSN: 2413-5151. - Душанбе: Сино, 2019, № 3. Қ.1, - С.129-136, - *0,88 ҷ.ч.*

**[7-М].** Зарурат ва аҳамияти кумаки расмӣ барои рушд дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ / М.Р. Тағоев, Б.У. Шукуров/ Журнали «Иқтисодиёти Тоҷикистон». Маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ. ISSN: 2310-3957. - Душанбе, - 2019, - №3, - С.210-218, - 1,13 *ҷ.ч.*

**[8-М].** Таъмини рушди иқтисоди миллӣ бо истифодаи сарчашмаҳои берунии молиякунонӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. ISSN: 2413-5151. - Душанбе: - Сино, - 2020, - № 3. Қисми 1, - С.28-34, - *0,86 ҷ.ч.*

**В) Мақолаҳои илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

**[9-А].** Взаимоотношение Республики Таджикистан и Европейского банка реконструкции и развития // Материалы III научно теоретической конференции «Молодых учёных и современная наука в ТГНУ» (14.11.2003г.) 3-й выпуск. –Душанбе: - Хумо, - 2003, - С.104-108.

**[10-А].** Роль Азиатского банка развития (АБР) в снижении уровня бедности в Республике Таджикистан //Материалы научно теоретической конференции посвященной «15-летию Дню независимости и 2700-летию города Куляба». Часть I. Душанбе: - «Эр-граф», - 2006, - С. 197-199.

**[11-А].** Территориальный охват международных кредитов и внешнего долга // Материалы международной научно теоретической конференции финансово экономического факультета ТНУ на тему «Экономический рост в условиях глобализации» (11-12-июня 2010 года) - Душанбе, - ТНУ, - 2010, - С. 403-406.

**[12-А].** Эффективности использование заёмных ресурсов международных финансовых организаций как фактор устойчивого экономического роста // Материалы международной научно-практической конференции ТНУ на тему «Экономические проблемы Таджикистана в условиях глобализации». Душанбе: «Фонд им.Ф.Эберта», 2011, - С. 145-152.

**[13-М].** Самтҳо ва самаранокии ҷалби молияи байналмилалӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи Вазорати молияи Тоҷикистон бахшида ба «20-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзӯи «Ислоҳоти молия дар 20 соли Истиқлолият». (27-28.05.2011с.) - Душанбе: - Ирфон, - 2011, - С. 262-267.

**[14-А].** Роль всемирного банка в поддержке сельского хозяйства Республики Таджикистан в условиях изменения климата // Материалы международной научно-практической конференции Института предпринимательства и сервиса на тему: «Таджикистан после вступления в ВТО: ожидания и переспективы» (31.10.2013г.) Душанбе: - Ирфон, - «Фонд имени Фридриха Эберта» - 2013, - С. 311-319.

**[15-А].** Перспективы взаимодействия Республики Таджикистан с международными и региональными финансовыми институтами // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии факултети баҳисобгирию иқтисодии ДМТ дар мавзӯи «Ҷаҳонишавии иқтисодиёт: муаммоҳо ва тараққиётиояндаи баҳисобгирӣ, таҳлил, аудит ва омор».(23.11.2016с.). Душанбе: ҶДММ «Сомон-граф», 2016, -С.142-147.

**[16-А].** Вопросы выполнения стратегию партнёрства группа Всемирного банка с Республикой Таджикистан // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДМТ дар мавзӯи «Масъалаҳои таҳлили иқтисодии комплексии нишондиҳандаҳои рушди босуботи корхона ва таъминоти ахборотии онҳо». (23-24-декабри соли 2016). - Душанбе: - ДМТ, - 2017, - С.317-321.

**[17-М].** Таъмини устувории экологӣ ҳамчун самти афзалиятноки ҳамкориҳои молиявии байналмилалӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд» бахшида ба «70-солагии ДМТ» (31.10.2018с.// Душанбе: - ДМТ, - 2018, - С.174-177.

**[18-М].** Тағйирёбии иқлим ҳамчун самти нави ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалии иқтисодию молиявӣ. //М.Р.Тағоев// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳии ДМТ дар мавзӯи «Рушди сайёҳӣ ҳамчун омили пешрафти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир ва дурнамои он». Бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «70-солагии ДМТ» //30.06. 2018// Душанбе: - ДМТ, - 2018, - С.251-256.

**[19-А].** Привлечение внутренних и внешних источников финансирования в развитии сельского хозяйства Республики Таджикистан. // Материалы международной научно-практической конференции ТНУ посвященной 70-летию Заслуженного деятеля и науки и техники РТ, д.э.н., профессора Уракова Д.У. /5-7.05.2012 г./ Душанбе: - «Ирфон», - 2012, С.121-124

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Қодиров Абдураҳмон Лақимович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети молия ва иқтисодиёти бозори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” бо эродҳои зерин: 1) Дар автореферат шумораи зиёди ҷадвалҳо ва расмҳо ҷой карда шудаанд, ки ин хуб аст, лекин ба ҷойи баъзе аз онҳо ба таври хаттӣ шарҳу эзоҳи таҳлилӣ ифода карда мешуд, ба манфиати кор мебуд; 2) Муаллиф бояд дар автореферат критерияҳои асосии ба гуруҳҳо тақсим кардани давлатҳои кӯмаки расмигирандаро аз СҲИТ мушаххасан нишон нишон медод ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро чуқуртар баҳо медод; 3) Даврабандии ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳо (се давра) чизи нав аст, лекин хуб мешуд, ки дар автореферат пурратар шарҳу эзоҳ дода мешуданд; 4) Нишон додани оқибатҳои манфии ҳамкорӣ бо созмонҳо таҳлили пурратару шарҳу эзоҳи зиёдтарро талаб мекунад ва дар автореферат ҷой кардани онҳо ба сифати автореферат як тобиши наврo илова мекард; 5) Дар автореферат як қатор камбудиҳои имлоӣ ва грамматикӣ, махсусан дар қисмати забони русии

автореферат бештар ҷой доранд, ки ислоҳ кардани онҳо мувофиқи матлаб мебошанд.

**2. Моисеева Софья Сергеевна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фанҳои инженерӣ ва гуманитарии Академияи давлатии бадеӣ – саноатии Санкт-Петербург ба номи А.Л.Штиглици Федератсияи Россия бо эродҳои зерин: 1.Муаллиф дар автореферат усулҳои таҳқиқот ва махсусан мундариҷаи интихоб, гипотезаҳо ва усулҳои таҳлилро пурра нишон надодааст; 2. Расми 2-юми авторефератро, ки оид ба таҷрибаи ҷаҳонии механизми татбиқи модели кумаки расмӣ барои рушд мебошад, дар шакли абстрактӣ нишон додааст ва то чӣ андоза ба рушди иқтисодӣ таъсир расонидани ин механизм нофаҳмо мемонад.

**3. Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Механизми оптималии интихоб ва амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионие, ки аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ маблағузорӣ карда мешаванд, дар автореферат нишон дода нашудааст; 2. Дар автореферат як қатор хатогиҳои имлогӣ дида мешаванд.

**4. Ҷонмаҳмадов Шермаҳмад Бекмаҳмадович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ректори донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев бо эродҳои зерин: 1) Барои беҳтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки расми 1 дар саҳ.13 ва расми 2 дар саҳ. 15 ба таври мукаммал шарҳ дода шаванд; 2) Дар саҳифаи 16, муаллиф тавсеаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СБММ ба се давра гурӯҳбандӣ намудааст, вале сабаби чунин гурӯҳбандӣ ва ба се давра ҷудо намудани ин ҳамкориҳо дар автореферат илман асоснок нагардидаанд (давраи якум дар солҳои 1992-1997; давраи дуюм дар солҳои 1998 – 2004; давраи сеюм аз соли 2005 то ҳол); 3) Дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ҷой доранд.

**5. Имомназаров Музаффар Аҳмадҷонович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо эоди зерин: 1) Дар автореферат нақшаи кории рисолаи илмӣ оварда нашудааст, ки ба хонанда имконияти пайдо кардани тасвири умумиро оиди рисолаи илмӣ мушкил месозад; 2) Муаллиф дар саҳифаи 12-уми автореферат оиди ҷиҳатҳои мусбии фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ишора кардааст, лекин ҷиҳатҳои манфии ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ нишон нadодааст; 3) Дар хулосаи автореферат саҳ. 26 бошад, муаллиф оиди мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ пешниҳоди хешро ба таври

умумӣ баён кардааст, ки он бояд мушаххас бо якчанд пешниҳодҳои алоҳидаи асоснокшуда оварда мешуданд.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **асоснок карда шудааст, ки** Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, то ҷиҳати бартарафнамоии проблемаҳои соҳаҳои иқтисодиёт (камбизоатӣ, балански пардохти номутавозин, беҳдошти вазъи инфрасохтори иқтисодӣ ва ғ.) ва боло бурдани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ (ММД, содирот, афзунгардонии захиарҳои асъории мамлакат ва ғ.) мукаммалгардонии механизмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва молиявиро тақвият бахшида, дар самти пайдо кардани маблағҳои имтиёзноки қарзии созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ чораандешӣ намояд.
- **муайян карда шудааст**, ки ғояҳои назариявии ташаккулёбӣ ва истифодаи кумакҳои расмӣ барои рушд (қарзҳо, кумакҳои техникӣ, грантҳо), барои бартараф кардани норасоӣ дар бозори молиявӣ мусоидат карда, самаранокии истифодаи онҳо нисбат ба дигар шаклҳои сармоягузорӣ бештар мегардад;
- **пешниҳод шудааст, ки** истифодаи таҷриба ва дастовардҳои бархе аз мамлакатҳо дар самти самаранок истифода бурдани маблағҳои созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ ба таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва паст кардани сатҳи мушкилиҳои соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Тоҷикистон боис гардида, дар ин замина тавсеаи шарикии давлат, созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ ва бахши хусусӣ яке аз шартҳои асосӣ боқӣ мемонад;
- **исбот шудааст, ки** сатҳи пасти пасандозгузориҳои дохилӣ, кам будани маблағи қисми даромади буҷети давлатӣ, нокифоягии захираҳои бонкӣ, кам будани захираҳои молиявии корхонаҳо ва ширкатҳои хусусию давлатӣ, зиёд будани хароҷоти давлатӣ сабаби асосии рӯй овардани давлат барои дарёфти ғрантҳо, захираҳои қарзӣ ва кӯмаки техникӣ аз сарчашмаҳои берунӣ мебошад;
- **ҷорӣ намудани** низоми марказонидашудаи маблағгузориҳои давлатӣ бо роҳи ташкили фондҳо ё бонкҳои давлатии маблағгузорӣ дар таъмини мақсадноки гардиши захираҳои қарзӣ ва шафофияти истифодаи маблағҳои грантӣ ва қарзӣ нақши асосиро иҷро карда, ҳамзамон тақсимоти дурусти онҳоро вобаста ба лоиҳаҳо дар минтақаҳо таъмин менамоянд;
- **ошкор карда шудааст, ки** истифодаи модели иқтисодӣ-риёзии истифодаи муштараки маблағҳои созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ ва маблагҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ дар афзун гардонидани ММД, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва

ҳамзамон дар ба даст овардани шартҳои ҳадафи чоруми стратегии мамлакат таъсири мусбат расонида, ба кам шудани вобастагӣ аз молияи беруна оварда мерасонад;

- **муқаррар карда шудааст, ки** истифодаи мақсадноки захираҳои қарзии созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ ҳамчун механизми мусоиди мустаҳкамнамоии ҳамкориҳо баромад карда, диверсификатсияи самти истифодаи онҳо дар асоси таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ рушди устуворро таъмин мекунад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- **исбот карда шудааст, ки:** мукаммалгардонии механизми ҷалби захираҳои қарзӣ аз ҳамоҳангии муносибати байни субъектҳои иқтисодӣ ва қабули ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи шарикӣ бо созмонҳои байналхалқӣ вобастагӣ дошта, бояд мӯҳлат ва шартҳои муайянро таҷассум намоянд ва дар худ хусусиятҳои фарққунандаи иқтисодиёти миллиро бо назардошти ҳимояи манфиатҳои миллӣ аз таъсири чолишҳои берунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ инъикос намоянд;

- **дар таҳқиқот усулҳои зерин:** - монографӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, абстрактӣ, иқтисодӣ, оморӣ, ҳисобию конструктивӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ва ғ. истифода шудаанд, ки онҳо самаранокӣ ва асоснокии таҳқиқот, эътимоднокии хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашударо тасдиқ менамоянд;

- **таҳлили вазъи кунунии** муқаррароти назариявӣ, методӣ, хулосаю пешниҳодоти дар диссертатсия овардашударо барои мукаммалгардонии механизми ҳамкории минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ, ҳамчун механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ, тавсияҳои таҳқиқот барои коркарди назариявӣ ва ҳуқуқию методологии ҳамкорӣ бо институтҳои молиявӣ, таҳияи чорабиниҳои давлатӣ ва минтақавӣ оид ба такмили механизми дастгирии молиявии рушди бахши хусусӣ дар давраи амалисозии СМР-2030 ва дигар Барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- **нуқтаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур** дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати ҳамкории молиявию иқтисодии давлат бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ истифода шуда метавонанд. Пешниҳодҳо ва хулосаҳои илмии

диссертатсияро метавонанд, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои давлатии бахши иқтисодӣ ба инобат гиранд.

- **муайян карда шудааст, ки истифодаи** захираҳои қарзии созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ имкон медиҳад, ки шиддатёбии мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ паст карда шуда, беҳдошти инфрасохтори иқтисодӣ таъмин гардида, ба рушди бахши хусусӣ заминаи мусоид фароҳам карда шавад. Дар маҷмуъ ин боиси беҳ гаштани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоии давлат мегардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки:**

- **идеяҳои асосӣ ба таҳлил:** барои асосноксозии илмӣ-амалии хулосаву пешниҳодҳо дар кор маводҳои расмӣ, аз ҷумла: - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияҳои идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳадафҳои рушди устувор, Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Барномаҳои давлатии миёнамуҳлати рушд, маводи Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии омори назди Президент, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар асноди ҳуқуқию меъёрӣ истифода шудаанд.
- **истифодаи** ғояи асосии диссертатсия ба назарияҳои илмӣ, фарзияҳои пешгӯинамуда ва асоснокгардида оид ба масъалаҳои истифодаи маблағҳои берунӣ дар чаҳорчубаи модели кӯмаки расмӣ барои рушд, ки дар асарҳои олимони классик, олимону иқтисоддонҳои муосири ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқ гардидаанд мувофиқ аст.

**Саҳмии шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

– **иштироки бевосита дар ҷамъ овардан ва коркарди иттилоот: -** таҳия, коркарди методолгӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи таҳқиқот, аз ҷумла: интихоби мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот маҳсули чандинсолаи фаъолияти муаллиф мебошанд. Ҳамаи давраҳои ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд;

– **саҳми шахсии муаллиф** дар пешниҳоди механизми мушаххаси тақвияти ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ ифода ёфта, бо воситаи моделсозии математикӣ барои то давраи соли 2030 вобастагии рушди иқтисодиро бо маблағҳои қарзии созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ муайян кардааст. Механизми назорати марказонидашудаи маблағҳои қарзии хориҷӣ бо роҳи вориди онҳо ба буҷети давлатӣ ва тақсими минбаъдаи онҳо ба соҳаҳои афзалиятнок ё ташкили

институтҳои давлатии инвеститсионӣ пешниҳоди шахсии муаллиф арзёбӣ мегарданд. Механизми дар амал татбиқ намудани онҳоро дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқ карда, саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ омода ва нашр намудааст.

– **натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст: -** санади татбиқнамоӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019; - санади татбиқнамоӣ аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №5/6-3/803, аз 30 декабри соли 2019; - маълумотномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба роҳандозии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ таҳти №2-1к/648, аз 19 феврали соли 2020 замима карда шудаанд;

– **ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ ва воқеӣ** дар самти асосҳои назариявӣ, баҳои вазъи кунунӣ, истифодаи самараноки захираҳои қарзӣ ва мукаммалгардонии механизмҳои мавҷудаи ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ;

– **таҳияи** беш аз 50 мақолаҳо дар ҳаҷми 20,4 ҷузъи чопӣ, ки аз онҳо **8** мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд;

– **гузориши** натиҷаҳои таҳқикот тайи солҳои 2002-2019 дар чорабиниҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Тағоев Маҳадмумин Раҳимович аз рӯи ихтисоси 08.00.14- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои Шӯро 17 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта 17 нафар овоз доданд: тарафдор 17, зид нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

25.04.2020с.